Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-079-и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 33)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Талбаков Саидаҳтам Исроилович дар мавзуи «Ҳадафҳои стратегии ШМА дар фазои геополитикии Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ)

Таҳқиқоти диссертатсионии Талбаков Саидаҳтам Исроилович ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими сатҳи байналмилалӣ бахшида шудааст. Имрӯз ҷаҳон дар шароити мураккабе қарор дорад, ки назму равиши он ба амалкарди қудратҳои ҷаҳон дар зернизомҳои муносибатҳои байналмилалӣ алоқамандии зич дорад. Аз ин нуқтаи назар, саривақт таҳқиқ намудани тамоюли давлатҳои бузург махсусан абарқудратҳо дар ин ё он минтақаи ҷаҳон барои давлатҳои миллӣ шарти зарурӣ ба шумор меравад. Махсусан барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар минтақаи ҳассоси геостратегӣ қарор дошта, фазои муассири геосиёсиро дар худ таҷассум мекунад, дарку фаҳми ҳадафҳои аслии қудратҳои ҷаҳонӣ омили таъмини суботи сиёсӣ ба шумор меравад.

Бинобар ин, таҳқиқоти муаллиф ба омӯзиши ҳадафҳои стратегии ШМА дар фазои геополитикии Осиёи Марказӣ бахшида шудааст. Зеро ин фазо бо сабаби ҷойгоҳи ҷуғрофӣ ва иқтидори иқтисодии худ, на танҳо таваҷҷуҳи ШМА, балки дигар қудратҳои минтақавию ҷаҳониро ҷалб намудааст. Аз ин рӯ, дар минтақа рақобати шадид барои нуфузи геополитикӣ ҷараён дорад. Дар ин миён ШМА аз ҷумлаи кишварҳое мебошад, ки дар равандҳои минтақаи Осиёи Марказӣ таъсиргузор аст. Вобаста ба ин муаллиф кушиш намудааст, ки дар таҳқиқоти мазкур тамоюлҳои таҳқими нуфузи Амрикоро дар минтақа таҳлил намуда, паёмадҳои эҳтимолии онро баррасӣ намоянд.

Вобаста ба мубрамии омӯзиши мавзуъ, муаллиф иброз намудааст, ки номуайянӣ ва ноустувории мавқеи стратегии ШМА дар Осиёи Марказӣ зарурати таҳлили ҳамаҷонибаи ҳадафҳо, амалҳо ва таъсири он ба минтақаро тақозо менамояд. Танҳо дарки амиқи ин омилҳо имкон медиҳад, ки стратегияҳои мувофиқ барои таъмини субот ва рушди устувор дар Осиёи Марказӣ бо

назардошти манфиатҳои ҳам давлатҳои миллӣ ва ҳам бозигарони байналмилалӣ таҳия карда шаванд (С. 5-6).

Дар ин баробар таҳқиқоти мазкур хусусиятҳое хоссро дар худ таҷассум мекунад, ки аҳаммияти илмии онро меафзояд. Аз ҷумлаи чунин хусусиятҳои таҳқиқоти мазкур асосҳои методологии он мебошад (С. 10-11). Маврид ба зикр аст, ки натиҷаи ҳар як таҳқиқот аз он вобастааст, ки методҳои таҳқиқотӣ чи гуна интихоб мегарданд ва барои омӯзиши мавзуи интихобшуда онҳо то кадом дараҷа мувофиқат менамоянд. Ба андешаи мо, дар робита ба хусусиятҳои муҳимми илмҳои сиёсӣ, методҳои интихобгардида барои омӯзиши мавқеъгирии қудратҳои ҷаҳонӣ дар зернизоми муайяни муносибатҳои байналмилалӣ муносиб мебошанд. Ҷолиби диққат ин аст, ки муаллиф тарзи истифодаи методҳои мазкурро тавсиф намудааст ва мувофиқати онҳоро низ нишон додааст, ки чунин равиш барои муҳаққиқони дигар хеле аҳамиятнок мебошад.

Илова бар ин, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навоварии илмии таҳқиқот, нуктаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, бо сохтори таҳқиқот пурра мувофиқат менамоянд. Зеро таҳқиқоти мазкур аз се боб ва шаш зербоб иборат буда, вобаста ба ҳар як зербоб мақсадгузорӣ, навоварӣ ва нуктаҳои муҳим нишон дода шудаанд (С. 9-12).

Чуноне, ки аз мазмун ва муҳтавои таҳқиқот бармеояд, истифодаи доираи васеи сарчашмаҳои иттилоотӣ, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои расмӣ, нашрияҳои илмӣ, гузоришҳои таҳлилӣ, маводи воситаҳои ахбори омма ва арзёбии коршиносон, инъикоси ҳамаҷонибаи мушкилоти мавриди омӯзишро таъмин намуда, ба муаллиф имкон додааст, то манзараи объективии ҳадафҳои стратегии Амрикоро ба таври возеҳ тасвир намояд.

Дар боби якуми диссертатсия ҷанбаҳои методологию назариявии омӯзиши масъала дарҷ гардидааст. Дар ин самт муаллиф саҳми ду шохаи ҳокимиятро дар ташаккули сиёсати хориҷии Амрико баррасӣ намудааст, яъне ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор. Дар натиҷаи таҳлили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Амрико оид ба масъалаҳои сиёсати хориҷӣ муаллиф муайян намуд, ки дар ин самт салоҳиятҳои президент бештар ба назар мерасад. Дар баробари ин муаллиф вобаста ба нақши ҳокимияти иҷроия таъкид намудааст, ки ҷиҳати таъсиррасонии Конгресс ҳамчун мақоми қонунгузор ба сиёсати хориҷии давлат маҳдудиятҳои объективӣ мавҷуданд. Аз ҷумла, аксарияти вакилони Конгресс дар фаъолияти худ афзалиятро ба сиёсати дохилӣ медиҳанд (С. 17).

Дар боби дуюми диссертатсия муаллиф манфиатҳои Амрикоро дар минтақа мавриди таҳлил муқоисавӣ қарор додааст. Дар ин қисмат раванди амалишавии лоиҳаҳои амрикоӣ баррасӣ гардида, манфиатҳои Амрико дар минтақаи Осиёи Марказӣ бо се ҷанба: сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, асоснок

гардидааст. Дар ин боби диссертатсия шаклҳои амалишавии ҳадафҳои Амрико низ баррасӣ гардидааст, ки онҳо дар доираи шаш самт ва бо такя ба санадҳои стратегии ШМА муайян карда шудаанд.

Боби сеюми дессертатсия ба дурнамои сиёсати хориҷии ШМА дар Осиёи Марказӣ бахшида шудааст. Дар ин қисмат таваҷҷуҳ равона гардидааст бештар ба масъалаҳо ва пешомадҳои амалишавии ҳадафҳои Амрико дар минтақа. Илова бар ин, муаллиф омилҳое ки сиёсати Амрикоро дар минтақа халадор мекунад, таҳлил намуда, муносибати кишварҳои Осиёи Марказиро бо чунин равандҳо нишон додааст.

Ҳамин тавр, дар таҳқиқоти Талбаков Саидаҳтам Исроилович хусусиятҳои фарқкунандаи сиёсати минтақавии Амрико ва марҳалаҳои ташакулёбии сиёсати Амрико дар минтақаи Осиёи Марказӣ натиҷагирӣ карда шудааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқот дар дар доираи дах мақолаи илмию таҳқиқотии муаллиф инъикос гардидаанд. Ҳамаи нашрияҳои муаллиф бевосита ба мавзуи таҳқиқотии ӯ алоқаманд мебошанд.

Дар маҷмуъ, мазмун, мундариҷа ва муҳтавои автореферат паҳлуҳои асосии таҳқиқоти мазкурро ифода менамоянд. Мазмуни автореферат баёнгари он аст, ки муаллиф дар омӯзиши масъала саҳми арзишманд гузоштааст. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқоти ӯ барои илмҳои сиёсӣ аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд.

Дар баробари ҳамаи ин агар довталаб дар таҳқиқоти илмии худ ба масъалаи тарҳҳои навтарини ҳамкориҳои ШМА бо кишварҳои Осиёи Марказӣ аз қабили «С5+1» ва «В5+1» диққат дода, онро дар зербоби алоҳида таҳқиқ менамуд, арзиши илмии кор боз ҳам боло мерафт. Аммо ба ин нигоҳ накарда, кори илмии довталаб дар сатҳи баланд иҷро шудааст.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти Талбаков Саидаҳтам Исроилович дар мавзуи «Ҳадафҳои стратегии ШМА дар фазои геополитикии Осиёи Марказӣ» бо дарназардошти муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, барои муҳаққиқони ҷавон хеле аҳамиятнок буда, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии он дар ҳалли масъалаҳои баҳсноки ҷойдошта хеле муфид мебошад. Методҳои илмии истифодагардида, адабиёти омӯхташуда, натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори он ба ихтисоси интихобнамуда мувофиқат менамоянд. Инчунин гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур дар сатҳи илмӣ омода гардида, ба яке аз масъалаҳои муҳимтарини замони муосир, ки дурнамои рушди мамлакатро ифода менамояд, бахшида шудааст. Саҳми муаллиф дар омӯзиши мавзуи интихобгардида баръало эҳсос мегардад. Хулосаҳо, натиҷаҳои таҳқиқот, тавсияҳои амалӣ ва нашрияҳои

чопнамудаи муаллиф шаҳодат аз он медиҳанд, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона анҷом дода шудааст.

Дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда
Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,
муовини аввал, муовини ректор
оид ба корҳои таълимӣ-методии
Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои
рақамии Тоҷикистон Ҳусайнзода А.Б.
13.03.2026

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н. Восеъ, ҷ.д. Х.Раҷабов
Тел: (+992) 987932088
E-mail: **Aminjonsharifov86@gmail.com**

Имзои Ҳусайнзода А.Б.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РРК Донишгоҳи инноватсия
ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон: Мухторзода С.
13.03.2026

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, маҳ. Борбад 9
Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои
рақамии Тоҷикистон
Тел: +992 (3322) 2-13-67;
E-mail: info@uidt.tj